## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ). – Душанбе, 2026. – 169 с.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Талаботи даврони истиқлолият нисбат ба фаҳмиш ва баррасиҳои илмӣ бо назардошти хусусиятҳои ташаккули матбуоти даврии Тоҷикистони пасошуравӣ бо тағйироти куллӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷумҳурӣ пас аз ба даст омадани Истиқлолияти давлатӣ дар соли 1991 алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар раванди ин тағйирот нақши ВАО, хусусан, матбуоти даврӣ назаррас буд. Бархам додани назорати давлатии умумиттифоқӣ ба фаъолияти иттилоотӣ ва ташаккули ВАО ҳамчун муассисаи мустақили иҷтимоию сиёсӣ, ки ба фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ таъсир мерасонад, мусоидат намуд.

Мавзуи мавриди назар аз ҷумлаи мавзуъҳоест, ки ба истиснои баъзе паҳлуҳои шинохти назариявии ВАО-и тоҷик ба таври амиқ омӯхта нашудааст. Таҳқиқи вижагиҳои равандҳои таҳаввулотӣ дар ВАО-и чопии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 1991-2020, ки дар диссертатсия сухан дар бораи он меравад, ҳамчун объекти таҳқиқ нав буда, то ҳол ба он назари амиқе зоҳир нашудааст. Дар маводу мақолаҳои алоҳида ва асарҳои муҳаққиқони тоҷик роҷеъ ба ин мавзуъ ишораҳо шудаанд, вале ба таври пурра маълумоти муфассал дода нашудааст. Дар кори таҳқиқӣ бори аввал тавсифи низомнок ва маҷмуии сохтори муосири матбуоти Тоҷикистон ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, таълифоти илмии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ ҷиҳати таҳқиқи марҳилаҳои ташаккул ва рушди матбуоти тоҷик саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ гардида, ҷиҳати омӯзиш, таҳлил ва кушодани уқдаи мушкилоти соҳаи журналистика мусоидат менамояд.

Дар диссертатсияи мазкур заминаи қонунгузорӣ, ки фаъолияти ВАО-и Тоҷикистонро танзим мекунад, ҳамзамон талаботи таъмини амалкарди муассиру корагари ВАО дар шароити иқтисоди бозаргонӣ, аз дидгоҳи нав таҳқиқ шуда, равандҳои таҳаввулотӣ дар матбуоти тоҷик бавуҷудомада, ки мустақиман бо пошхӯрии Иттиҳоди шуравӣ, нузули низоми сотсиалистӣ ва оғози таҳаввулоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ

алоқамананд, ҳаматарафа баррасӣ гардидааст.

Мусаллам аст, ки баъди пошхӯрии давлати абаркудрати шуравӣ дар оғози солҳои 90-уми асри гузашта, на танҳо шумораи нашрияҳо афзоиш ёфт, балки гардиши умумии онҳо низ хеле зиёд шуд. Демократикунонии ҳаёти ҷамъиятӣ барои рушди матбуоти ҷумҳурӣ имконияти нав фароҳам овард. Дар ин асос метавон гуфт, ки матраҳ шудани чунин масъалаҳои муҳим дар диссертатсия **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Пажуҳиши масъалаҳои мубраме чун таърихи ташаккул ва инкишофи воситаҳои ахбори умум, қонунмандиҳои фаъолияти матбуоти даврӣ ва расонаҳои иттилоотӣ, нақши ВАО дар раванди иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсию ҳуқуқии ҷомеа, таҳаввулоти сохторӣ ва мундариҷавии матбуот дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рақамикунонии иттилоот дар доираи ин кори таҳқиқии диссертатсионӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мавзуи пажуҳиши мазкур ба доираи мавзуъҳо ва масоили таҳқиқии **шиносномаи ихтисоси илмии 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) пурра мувофиқат мекунад.**

**Навгонии илмии диссертатсияи** тақризшаванда, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки таҳлили фарогир ва ҳамаҷонибаи ҷараёни гузариши матбуоти даврии Тоҷикистон аз низоми шуравӣ ба сохтори демократии миллӣ дар солҳои 1991-2020 дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ бори аввал анҷом дода мешавад. Илова бар ин дар диссертатсия нақши омилҳои таъсиргузори сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ дар ташаккули низоми нави матбуоти тоҷик муайян гардида, класификатсияи нави самтҳо ва шаклҳои инкишофи ВАО пешниҳод шудааст, ки он матбуотро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири низоми иҷтимоӣ-сиёсӣ арзёбӣ мекунад. Ҳамчунин дар ин пажуҳиш ба масъалаҳои таъсири нашрияҳои хориҷӣ дар ташаккули намунаҳои тиҷоратии матбуоти тоҷик, сохтори муосири матбуоти тоҷик бо назардошти шароити иқтисодӣ ва ҳамгироии он бо фазои иттилоотии ҷаҳонӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Натиҷаҳои бадастовардаи довталаб ва хулосаю тавсияҳои пешниҳоднамудаи ӯ аз чанд ҷиҳат асоснок гардида, эътимодбахш мебошанд. Пеш аз ҳама, муаллифи диссертатсия дар таҳлилу баррасии мавзуъ ба ҳадди зарурӣ ба осори илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя карда, дар муҳокимарониҳо андешаи хоси худро баён доштааст. Баъдан, мавқеъгириҳои диссертант дар баҳсу баррасиҳои

алоҳида доир ба мавзуи пажуҳиш ва маълумоти пешниҳодкардаи ӯ дар ин замина хушку холӣ набуда, дар асоси факту далелҳои ҷолиби таваҷҷуҳ ифода ёфтаанд. Бандубаст, овардани далелу бурҳонҳо ва хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллифи диссертатсия эътимоднок буда, қисме аз онҳо дар интишороти довталаби дараҷаи илмӣ роҷеъ ба мавзуи диссертатсия инъикос ёфтаанд. Дар ин асос метавон гуфт, ки **хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ** боэътимод буда, барои таҳқиқоти минбаъдаи соҳаи журналистика заминаи мусоид фароҳам меоварад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, ду зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат буда, ҳаҷми умумии он 169 саҳифаи чопи компютериро ташкил додааст. Дар **муқаддимаи диссертатсия** аҳаммияти таҳқиқи мавзуъ асоснок шуда, ҳадафу вазифаҳо, объекту предмети таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявию амалии натиҷаҳои бадастовардашуда ва дигар бахшу зербахшҳои зарурӣ муайян шудаанд.

**Дар боби аввали** диссертатсия **«Заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, ки аз се фасл иборат аст, ташаккули низоми нави матбуоти кишвар дар шароити сиёсиву иқтисодии солҳои аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон ва заминаи ҳуқуқии соҳа баррасӣ шудааст. **Фасли аввали боби якум – «Шароити сиёсию ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон гирифта, диссертант дар ин қисми кор ба таҳқиқи вазъи матбуоти кишвар, бахусус давраи аввали замони соҳибистиқлолӣ таваҷҷуҳ кардааст. Ин замони аз нигоҳи сиёсӣ ноустуворро муаллифи диссертатсия яке аз марҳилаҳои тақдирсоз дар рушди расонаҳои миллӣ арзёбӣ мекунад ва иброз медорад, ки матбуот дар чунин шароити номусоид бояд аз шакли таблиғоти ҳизбӣ, ки хоси замони шуравӣ буд, берун омада, ба унсури муҳимми ҷомеаи шаҳрвандӣ табдил меёфт. Хулосаҳои муаллифи диссертатсия дар ин фасл доир ба он, ки бовуҷуди нобасомониҳо ва мушкилоти иқтисодиву иҷтимоии фарогир маҳз дар ҳамин давраи тақдирсоз нашрияҳои ҳизбӣ ва мустақил ба вуҷуд омада, фазои иттилоотиро рангоранг сохтанд, бомаврид ва асоснок мебошанд.

**Дар фасли дуюми боби аввал «Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** рисоланавис ба масъалаи эҳтиёҷоти ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти воситаҳои ахбори омма дар шароити гузариши Тоҷикистон аз низоми сиёсиву иқтисодии шуравӣ ба ҷомеаи мустақил таваҷҷуҳ кардааст.

Диссертант қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994, махсусан моддаи 30-юми ин санади олии ҳуқуқуиро заминаи устуворе барои ташаккули низоми қонунгузории расонаҳо арзёбӣ мекунад, ки дуруст аст. Амру фармонҳо ва дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқоту вохӯриҳои гуногун бо кормандони ВАО, аз ҷумла суханронии расмии Президент дар ҷамъомади идона бахшида ба 100-солагии матбуоти тоҷик дар рӯзи 10-уми марти соли 2012 сарчашмаҳои дигари ташаккули вазъи ҳуқуқии соҳа муайян гардидааст.

**Фасли сеюми боби якум «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»»** ном гирифтааст, ки ба омӯзиши меъёрҳои қонуни мазкур ва нақши он дар ташаккули низоми нави матбуоти кишвар бахшида шудааст. Муаллифи диссертатсия ин қонунро яке аз муҳимтарин санадҳои ҳуқуқии соҳавӣ арзёбӣ мекунад, ки фаъолияти низоми матбуоти даврии Тоҷикистонро дар давраи Истиқлол танзим намудааст. Дар шинохти диссертант маҳз қонуни мазкур, ки соли 1990, яъне дар лаҳзаҳои охирини ҳокимияти шуравӣ қабул шудааст, бо тағйиру иловаҳо дар марҳилаҳои баъдӣ ба шароити замони соҳибистиқлолӣ мутобиқ гардонида шуда, барои таъсиси нашриёҳо, фаъолияти мустақили муассисон ва рӯзноманигорон, инчунин ҳуқуқи паҳн кардани иттилоот ба таври ошкоро заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овардааст. Ҳамчунин дар ин қисми кор дар доираи ду зерфасли дигар **«Ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он»** ва **«Танзими реклама дар воситаҳои ахбори омма»** ин ҷанбаҳои фаъолияти матбуот ва дигар ВАО мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» ва «Дар бораи реклама» ҳамчун санадҳои танзимкунандаи асосӣ дар ин самт диққати муаллифро бештар ҷалб кардаанд.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991–2020»** ном дошта, масъалаҳои шаклгирӣ ва рушди матбуоти тоҷик дар ин давраро дар бар гирифтааст. Ин боб аз ду фасл иборат буда, фасли аввали он **«Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ба масъалаи ташкили муассисаҳои нави иттилоотӣ дар замони пас аз Истиқлол ба даст овардани кишвар, дар мисоли агентиҳои иттилоотӣ ва таъсири онҳо дар низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст.

Муҳаққиқ дар баробари ташкил шудани агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» таъсиси як қатор оҷонсиҳои

иттилоотии хусусиро аз қабили оҷонсиҳои «Азия-Плюс», «АП «Регион», «Инфо-ТОҶ», «Тоҷнюс», дар кишвар барои паҳн кардани иттилооти гуногун ва қонеъ гардонидани ниёзҳои ҷомеа ба ахбори фаврӣ муҳим арзёбӣ мекунад.

**Фасли дуюми боби дуюм – «Хусусиятҳои амалкарди ВАО ва гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳои Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ»** таҳқиқи нақши матбуот дар ташаккули худшиносии миллӣ, тарғиби арзишҳои истиқлолият ва густариши ғояҳои озодандеширо фаро гирифтааст. Муҳаққиқ ба майдони муборизаҳои сиёсӣ ва идеологӣ табдил ёфтани матбуотро яке аз хусусиятҳои асосии фаъолияти ВАО дар солҳои аввали Истиқлол арзёбӣ карда, барои тарғиби худ истифода шудани рӯзномаву маҷаллаҳо ва барномаҳои телевизионӣ аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба таври возеҳ зикр мекунад. Баланд гардидани хусусиятҳои касбӣ ва арзиши таҳлилӣ пайдо кардани мундариҷаи маводи расонаҳо дар матбуоти солҳои минбаъда низ бо мисолҳои дақиқ таҳлил шудаанд. Хулосаи муаллиф дар ин фасл, дар мавриди ин ки "таҷрибаи матбуот дар ин давра нишон дод, ки озодии баён ва гуногунандешии сиёсӣ ҷузъи ҷудонашавандаи рушди ҷомеаи демократӣ ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ мебошад", мантиқан дуруст ва бомаврид мебошад.

**Боби сеюми** диссертатсия **«Нақш ва мақоми ВАО дар раванди демократикунонии ҷомеа»** унвон дошта, муаллиф дар доираи ду фасл ин масъалаи муҳимми марбут ба журналистикаи мосирро таҳқиқ кардааст. **«Нақши ВАО дар таҳаввул ва таҳкими ҳаёти ҷомеа»** унвони **фасли якуми боби сеюм** мебошад. Дар ин фасл довталаби дараҷаи илмӣ ҳамчун як дастгоҳи таблиғотии ҳадафмандона истифода шудани ВАО-ро таъкид намуда, ҷанбаҳои мусбату манфии онро нишон медиҳад. Ин шакли фаъолияти расонаҳои хабариро дар фазои иттилоотии Тоҷикистон суроғ карда, муаллиф қайд мекунад, ки "фаъолияти ВАО дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) як санҷиши ҷиддӣ гардид. Дар ин давра бархе нашрияҳо ва барномаҳои радиоиву телевизионӣ ҳамчун воситаи таблиғ ва мубориза истифода мешуданд. Бо вуҷуди ин, қисми дигари ВАО бо нашри маводҳои сулҳҷӯёна ва даъват ба гуфтушунид нақши мусбати худро нишон доданд".

Дар тақвияти ин гуфтаҳо рисоланавис аз нақши муҳимми ВАО дар таблиғи ваҳдати миллӣ ва таҳкими суботи сиёсӣ дар кишвар, баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ёдовар мешавад ва инъикоси мавзуъҳои ваҳдат, таҳаммулгароӣ ва ҳамзистиро дар матбуоти даврӣ, барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ барои рушди

Тоҷикистон муассир арзёбӣ мекунад. Ҳамин тавр, дар ин фасл нақши воситаҳои ахбори омма дар таҳкими истиқлолият ва рушди устувори Тоҷикистон муҳимму калидӣ арзёбӣ мешавад.

**Дар фасли дуюми боби сеюм «Масъалаи марҳилабандии рушду таҳаввули фазои иттилоотӣ ва матбуоти даврӣ»** бошад, шаклгирии низоми журналистикаи муосири тоҷик дар давраи солҳои 1991-2020, дар асоси таснифоти марҳилавӣ ба таҳқиқ кашида шудааст. Муҳаққиқ роҳи рушди ВАО ва шаклгирии фазои иттилоотии кишварро дар ин давра дар се марҳила – марҳилаи аввал (1991-1997) – давраи оғози Истиқлол ва ҷанги шаҳрвандӣ, марҳилаи дуюм (1997-2010) – давраи пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ва марҳилаи сеюм (2010-2020) воридшавии Тоҷикистон ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ ва густариши технологияҳои нав нишон додааст.

**Хулосаи диссертатсионии** Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар 14 банд ҷамъбаст гардида, фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии диссертант мебошад. Илова бар ин дар охири ҳар банди хулоса ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ истинод оварда шуда, аз он шаҳодат медиҳад, ки кори таҳқиқӣ марҳила ба марҳила бо низоми муайян анҷом ёфтааст. Хулоса ва тавсияҳои довталаби дараҷаи илмӣ бардошт аз таҳлилу таҳқиқи мавзуъ ва масоили меҳварии бобу фаслҳои диссертатсия буда, ҷанбаи қавии назариявию амалӣ доранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда аз чанд ҷиҳат аҳаммияти илмии назариявию амалӣ ва иҷтимоӣ дошта, пеш аз ҳама, ба ҳалли баъзе масъалаҳои норавшани журналистикаи тоҷик дар давраи гузариш аз системаи шуравии сотсиалистӣ ба ҷомеаи демократӣ мусоидат менамояд. Методу усулҳои илмие, ки дар диссертатсия истифода гардидаанд, методҳои санҷидашуда ва боэътимод буда, ба диссертант дар татбиқи усулҳои нави нақди журналистӣ ва таъриху назрияи журналистикаи тоҷик имконот фароҳам овардаанд. Агар ба маводди диссертатсия, аз як тараф, дар ҷараёни таҳқиқи масоили гуногуни вазъи журналистика дар замони нав ба Истиқлолият расидани Тоҷикистон то давраи воридшавии кишвар ба фазои иттилоотии ҷаҳонӣ такя кардан имкон дошта бошад, аз ҷониби дигар, аз ин кори таҳқиқӣ ҳангоми таблиғ ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти муносибат бо воситаҳои электронии ахбор, омӯзиши марҳилаҳои рушди фазои иттилоотии мамлакат, таҳияи барномаҳои нави таълимӣ, васоиту дастурҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, пажуҳиши таърихи расонаҳои чопӣ ва электронии кишвар метавон истифода намуд.

**Нашри натичаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар 7 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷмуаҳои дигари илмӣ инъикос ёфтааст. Ҳамчунин довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ бахшида ба солҳои 2019-2021 – «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» (ш. Кӯлоб, 26-27-уми апрели соли 2019), бахшида ба солҳои 2020-2040 – «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» (ш. Кӯлоб, 23-25 апрели соли 2020) ва «Таъсири интернет ва расонаҳои рақамӣ дар мусоидат ба таърихи васоити ахбори омма ва омӯзиш дар замони муосир» (ш. Кӯлоб, 3-юми майи соли 2025) баромад намудааст, ки дар сатҳи шоиста муаррифӣ гардидани мавзуи таҳқиқшавандаро собит менамоянд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.

Диссертатсия ва автореферати Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар асоси Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва пешниҳод гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд. Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Новобаста аз баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар таҳқиқоти диссертатсионии Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ баъзе нуқсонҳо, ғалатҳои техникию имлоӣ ва мантиқӣ мушоҳида мешаванд. Дар корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъда ба нукоти зерин мутаваҷҷеҳ шудани довталаби дараҷаи илмӣ аз аҳаммият холӣ нест:

1. Ҷасорати муаллиф дар хулосаҳои ҳар боб тақвият меҳоҳад.

2. Фасли сеюми боби якум «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»» унвон гирифта бошад ҳам, дар таркиби он дар доираи ду зерфасли дигар ҷанбаҳои ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он ва танзими реклама дар воситаҳои ахбори омма низ баррасӣ шудааст, ки зарурати омӯзиши муқаррароти қонунҳои дигари соҳавиро ба вуҷуд овардааст. Аз ин рӯ, агар масъалаҳои мазкур ҳамчун зерфаслҳои фасли дуюми боби аввал баррасӣ мешуданд, арзиши диссертатсия баландтар мегардид.

3. Риоя нагардидани меъёрҳои забониву мантиқӣ низ дар диссертатсия ба мушоҳида мерасанд.

Камбудиву эродҳои номбаршуда ҷузъӣ буда, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд.

**Дар маҷмуъ**, диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» ба меъёру муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, довталаб сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи рӯзноманигории
факултети филологияи тоҷики Муассисаи
давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шарипов С.И.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар,
кӯчаи Р. Воҳидов хонаи 78.
Тел.: (+992) 918-13-03-59.
E-mail: sangimurods@gmail.com

Имзои Шарипов С.И.-ро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» ______________ Исҳоқзода М.М.

**Нишонӣ:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
E-mail: http: bgu-1978@mail.ru

«10» июни соли 2026.